**Тақриз**

**ба автореферати Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич ба таҳлилу баррасии хусусиятҳои забонӣ, хусусан хусусиятҳои лексикиву услубии истилоҳоти журналистика бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти масъалаҳои асосии омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба пажӯҳиши амиқе ниёз доранд. Хусусан, таҳлили қиёсии истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои англисию тоҷикӣ то ҳол ягон таҳқиқоти чашмрас ва мукаммал ба анҷом нарасидааст. Маҳз ҳамин масъалаҳо мубрамӣ ва воқеияти таҳқиқоти мазкурро ба миён овардааст.

Муаллифи диссертатсия пеши худ мақсад гузоштааст, ки вижагиҳои вожасозӣ, сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои муқоисашавандаро бо роҳи қиёсӣ муайян созад.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ба асоси методологии диссертатсия таҳқиқотҳои бунёдии олимони шинохта ба монанди В. Адамс, А. Карстейрз-Маккарти, И. Плаг, И. В. Арнолйд, П.М. Карашук, Л.П. Крисин, О.Д. Мешков ва дигарон, аз олимони тоҷик ба монанди Ш. Рустамов, С. Ҳалимов, К. Шукурова, М.Н. Қосимова, С. Ҳалимиён, Д. Саймиддинов ва дигарон хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола тавсифи сохторӣ-вожасозӣ ва маъноии истилоҳҳои

рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст таҳқиқ мегарданд.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 194 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонии илмӣ ва арзиши амалии корро асоснок кардааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян сохта, заминаи сарчашмаро тавсиф намуда, аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян кардааст.

Дар боби аввал заминаҳои назариявии омӯзишу таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ зери омӯзиш қарор дошта, таҳлил карда мешаванд, ки он аз се зербоб иборат аст. Муаллиф самти асосии омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забон гирдоварӣ, тасниф ва шарҳи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар луғатномаҳо, донишномаҳо ва маълумотномаҳои махсусро муайян месозад. Ба ақидаи муаллиф омӯзиши истилоҳоти забони англисӣ дар оғози садаи нав суръати тоза пайдо кардаанд. Дар ин боб инчунин сухан дар бораи мафҳумҳои истилоҳ, системаи истилоҳ, истилоҳшиносӣ ва майдони истилоҳӣ дар забоншиносӣ меравад, ки ифодакунандаи мафкураи ягона ва гуногун мебошанд. Ба ақидаи муаллиф асоси моддии истилоҳоти рӯзноманигорӣ ин пайдоиши намудҳои гуногуни матбуоти даврӣ ва дигар соҳаҳои ба он марбут мебошанд. Бинобар ин пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ ба таърихирӯзноманигорӣ зич вобаста аст. Дар раванди таҳқиқоти таҳлилӣ, муаллиф шумораи зиёди сарчашмаҳое, ки ба истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои англисиву тоҷикӣ вобастагӣ доранд, истифода бурдааст.

Боби дуюм "Таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ном

гирифта, он аз чор зербоб иборат аст. Зербоби якум ба масъалаҳои назарии таҳқиқу таҳлили асосии вожасозӣ ва иборасозӣ, ташаккули истилоҳҳои рӯзноманигорӣ дар ду забон бахшида шудааст. Ҳангоми омӯзиши зербоби дуюм бештар ба таҳқиқи роҳи сарфии ташаккулёбии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маълумот оварда шудааст. Диссертант дар раванди таҳлилҳо далелҳои бисёрро мисол овардааст.

Боби сеюм ба мавзуи "Таҳлили этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ном гирифта, дар он таҳқиқи этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ба он далел рӯй овардааст, ба гуногун будани баромад ва таркиби этимологӣ нигоҳ накарда, истилоҳҳои рӯзноманигорӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: истилоҳоти аслӣ ва иқтибосӣ. Дар автореферати диссертатсияи мазкур эрониасл, яъне тоҷикӣ будани ҷузъҳои маънодори истилоҳҳоро аз ҷиҳати этимологӣ бо таҳаввулоти таърихии онҳо аз забонҳои эронии бостон, авастоӣ, форсии бостон, форсии миёна то ба забони имрӯзаи тоҷикӣ ва ғайраҳо дида баромада шудааст.

Дар хулоса муаллиф дар ҳамаи самтҳои таҳқиқот ба таври кофӣ муфассал ва равшан натиҷабардорӣ кардааст.

Арзиши назариявии кор бо таҳлил ва баёни назариявии хусусиятҳои умумӣ ва ба худ хоси қолабҳои сохторӣ–маъноӣ, муқоисавӣ ва инъикосшавандаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи шарҳдиҳанда ва илмӣ ҳангоми хониши курсҳои забоншиносии муқоисавӣ, грамматика ва тарҷумашиносӣ, инчунин адабиёти ҷаҳон дар тайёр намудани маводи таълимӣ, луғат ва ғайра ёрӣ расонанд. Инчунин онҳо барои тарҷумонони осори назму наср манфиатнок буда метавонанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар қатори дастовардҳои илмӣ, дар кор баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферати мазкур муаллиф ба шумораи зиёди номгӯи сарчашмаҳои илмӣ нисбат ба тарҷума ва назарияи забон ишора кардааст, аммо на ҳамавақт дар меъёри зарурӣ фикру мулоҳизаҳои танқидӣ мегузаронад.
2. Дар автореферат хатогиҳои техникӣ, махсусан дар истифода бурдани насаби олимон вуҷуд доранд, ки бояд ба назар гирифта шаванд,.

Дар умум бояд қайд намуд, ки диссертатсия барои тақиқотҳои оянда дар чорчӯбаи забоншиносии муқоисавӣ имкониятҳои навро пешниҳод мекунад. Хуллас, диссертант кори бузург ва душворро ба анҷом расонидааст, ва камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич ба тамоми талаботҳои КОАи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои пешниҳоди рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Н.и.ф. дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷии
факултети дипломатия ва сиёсати
АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизова М. Ҳ.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 92-888-32-32
e-mail: mastonakhon_12@mail.ru

Имзои Азизова М. Ҳ.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш. Б.